Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

WP2: Баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ ва рушди малакаҳо

D 2.2 Нақшаи донишгоҳ барои дастгирии таълими соҳибкорӣ

Таҳвил	D 2.2 Нақшаи донишгоҳ барои дастгирии таълими соҳибкорӣ
Сана	27.10.2022
Шарик	Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Вариант	v01
Статус	Ниҳоӣ
Паҳнгардонӣ	Ҳуҷҷати дохилӣ

Шарҳу тавзеҳ

Роҳандозии усулҳои инноватсионӣ, малакаҳои соҳибкорӣ ва муносибат бо донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кор таъминшавии хатмкунандагони МТОК дар Осиёи Марказӣ

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

Шарикони TRIGGER

Донишгоҳи техникии Кошитсе, Словакия	
Донишгоҳи миллии Авруосиёи ба номи Л.Н. Гумилёв, Қазоқистон	
Донишгоҳи давлатии Атирау, Қазоқистон	
Донишгоҳи Торайғиров, Қазоқистон	
Донишгоҳи давлатии Термиз, Узбекистон	
Донишкадаи муҳандисӣ ва технологии Намангон, Узбекистон	
Донишкадаи политехникии Ҷизах, Узбекистон	
Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд, Узбекистон	
Донишгоҳи давлатии Данғара, Тоҷикистон	
Филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар ш. Душанбе, Тоҷикистон	
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Тоҷикистон	
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Тоҷикистон	
Донишгоҳи илмҳои татбиқӣ BFI ш. Вена, Австрия	
Донишгоҳи Кот д'Азур, Фаронса	
Ассотсиатсия барои инноватсия ва рушд, Словакия	
Шабакаи байналмилалии таҳсилоти демократии Гретсия (IDEC)	

Эътироф: TRIGGER аз ҷониби Барномаи Эрасмус+ Иттиҳоди Аврупо дар доираи Созишномаи грантии №617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP маблағгузорӣ мешавад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

Мундариҷа

1. Муқаддима 3
2. Сиёсат ва стратегияҳои МТОК баҳри баланд бародоштани таълими соҳибкорӣ 4
3. Ҳадаф ва вазифаҳои МТОК барои баланд бардоштани таълими соҳибкрӣ 5
4. Чорабиниҳо ва тадбирҳо барои баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ 5
5. Захираҳои зарурӣ, инфрасохтор ва муҳити зист 6
6. Мӯҳлати иҷро ва масъулиятҳо 0

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

1. Муқаддима

Дар ҳуҷҷати мазкур шарҳи нақшаи донишгоҳ оид ба дастгирии таълими соҳибкорӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ДДК) оварда шудааст.

Нақшаи таълими соҳибкорӣ дар доираи Бастаи кории 2 оид ба «Баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ ва рушди малакаҳо» (WP2) лоиҳаи «Роҳандозии усулҳои инноватсионӣ, малакаҳои соҳибкорӣ ва муносибат бо донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кор таъминшавии хатмкунандагони МТОК дар Осиёи Марказӣ» (TRIGGER) таҳия гардидааст.

Нақшаи таълими соҳибкорӣ мустақиман ба «Ҳисобот дар бораи вазъи таълими соҳибкорӣ, талаботи бозори меҳнат ва номутобиқатии дониш/маҳорат», ки қаблан аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дар WP2 таҳия шуда буд, асос меёбад (ниг. 2.1.)

Пеш аз он ки нақшаи таълими соҳибкорӣ дар бахшҳои минбаъда муфассалтар шарҳ дода шавад, дар зер шарҳи мухтасар оид ба мафҳуми таълими соҳибкорӣ, ки дар лоиҳаи TRIGGER истифода шудааст, оварда шудааст:

- **Таълими соҳибкорӣ** (ТС) мекӯшад, ки ба донишҷӯён дониш, малака ва ҳавасмандӣ барои эҷоди ғояҳо дар амали соҳибкорӣ дар муҳитҳои гуногун, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ва ҳамчун корманд дар ташкилотҳо таъмин намояд (EC 2015, Lackéus et al. 2020).
- **Соҳибкорӣ** як салоҳияти калидӣ барои ҳамаи донишомӯзон мебошад, ки рушди малакаҳои шахсӣ ва малакаҳои касбӣ, фарогирии иҷтимоӣ ва бакортаъминшавиро дастгирӣ мекунад (ниг. Комиссияи Аврупо ва дигарон 2016: 21).
- **Тағйироти ташкилӣ дар** МТОК зарур аст, зеро "иқтидори татбиқи рӯзномаи соҳибкорӣ ва инноватсия аз механизмҳои идоракунӣ, иқтидори ташкилӣ ва фарҳанги институтсионалии донишгоҳҳо ва инчунин хусусиятҳои иқтисоди атроф вобаста аст" (OECD 2019: 12).

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

2. Сиёсат ва стратегияи МТОК баҳри баланд бародоштани таълими соҳибкорӣ

ДДК фаъолияти худро дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору дастурҳо, нақшаву стратегияҳои кишвар ва зарурятҳои дахлдор ба роҳ мемонад. Вобаста ба ин дар ҷумҳурии тоҷикистон ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИМОЯ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ (аз 26 июли соли 2014, № 1107) ва Муассисаи Давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" (https://www.facebook.com/bizincubator.gov.tj) амал мекунад, ки барои рушди соҳибкории шаҳрвандони кишвар саҳмгузор мебошанд.

Бо такя бар гуфтаҳои боло ДДК низ дар самти рушди соҳибкории донишҷӯён ва омӯзгорони донишгоҳ корҳои назаррасро иҷро намудааст. Бояд гуфт, ки Муассисаи Давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" ҳар сол озмуни дарёфти соҳибкорони ҷавон таҳти унвони Муассисаи Давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" Start-Up Choihona XII" баргузор менамояд, ки ҷавонони фаъоли донишгоҳи мо дар он интирок намуда соҳиби гант мешаванд.

ДДК дар бахшҳои педагогика, психология, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, иқтисод, биология, химия, сайёҳӣ ва ғайра мутахассис тайёр мекунад. Бояд гуфт, ки аз соли 2021 дар тамоми факултетҳои донишгоҳ нақшаҳои таълимӣ тағйир дода шудаанд. Тибқи ин тағйирот ба ҷои фанни «Назарияи иқтисод» фанни «Бизнес-нақша» ҷорӣ карда шуд. Зарурати ворид намудани тағйирот дар асоси пешниҳоди Раёсати таълим ва қарори Шӯрои илмии Донишкадаи олӣ ба амал омад, зеро таълими фанни «Бизнес-нақша» ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки худро дар соҳаи зарурии худ дарк намуда, ба фаъолияти соҳибкории худ машғул шаванд. Илова бар ин, фанни «Бизнес-нақша» на танҳо барои хатмкунандагони ихтисосҳои иқтисодӣ, балки барои дигар ихтисосҳо низ метавонад асоси фаъолияти соҳибкорӣ гардад.

Дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2016 №976 дар донишгоҳ Маркази рушди касбият ва инноватсия таъсис дода шудааст. Самти асосии фаъолияти Марказ ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳо, кор бо волонтёрон, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо мебошад. Ҳадафи аслии марказ ҳамкориҳо бо корхонаву ташкилот ва корфармоён ва омода кардани донишҷӯён ба талаботи онҳо мебошад.

Дар Марказ чунин чорабиниҳо аз қабили «Тренингҳо», «Семинарҳо», ва «Роҳбаладии суръатнок» бо ҷалби мутахассисони корхонаву ташкилоту муассисаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд. Барои зуд омӯхтан ва додани маълумоти зарурӣ барои мутахассисони оянда аз ҷониби мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои мушаххас, Роҳбаладии суръатнок ташкил карда мешавад.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

3. Ҳадаф ва вазифаҳои МТОК барои баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ

Ҳадаф: Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, мусоидат ба бакортаъминшавии хатмкунандагон ва беҳтар намудани зиндагии онҳо тавассути ҷалби онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф донишгоҳ бояд вазифаҳои зеринро ҳал намояд:

1) Таҳқиқоти бозори меҳнат ва муайян кардани талабот ва тағйирот дар бозори меҳнат

2) Ташаккул додани тафаккури соҳибкорӣ дар омӯзгорон ва донишҷӯён

3) Мусоидат ба ҳамкорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ

4. Чорабиниҳо ва тадбирҳо барои баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ

1) Гузаронидани таҳқиқоти бозори меҳнат ва муайян кардани талабот ва тағйирот дар бозори меҳнат

1.1. Давра ба давра таҳлил намудани бозори меҳнат ва ташкили ихтисосҳо дар асоси талаботи он

1.2. Мутобиқгардонии нақшаҳои таълимӣ бо назардошти тағйироти бозори мехнат ва эҳтиёҷоти корфармоён

1.3. Тағйир додани нақшаҳои таълимӣ ва ворид намудани фанхои ба сохибкорӣ наздик на танхо барои ихтисосҳои иктисодӣ, балки барои дигар ихтисосхо низ

2) Ташаккул додани тафаккури соҳибкорӣ дар омӯзгорон ва донишҷӯён

2.1. Даъват кардани соҳибкорони муваффақ барои нишон додани малакаҳои соҳибкорӣ ва ташкили ширкат

2.2. Ташкил намудани тренингҳо барои баланд бардоштани иқтидори омӯзгороне, ки аз фанни «Бизнес-план» таълим медиҳанд

2.3. Ташкили шабака барои густариши ҳамкории МТОК ва ширкатҳо барои беҳтар тайёр кардани мутахассисони оянда

3) Мусоидат ба ҳамкорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ

3.1. Ҳамкорӣ бо ширкатҳои минтақавӣ, маҳаллӣ ва байналмилалӣ барои таҷрибаомӯзӣ ва менторӣ;

3.2. Ба роҳ мондани механизми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, сафарҳои омӯзишӣ ва дигар чорабиниҳои муфиди таълимӣ бо донишҷӯён;

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

5. Захираҳои зарурӣ, инфрасохтор ва муҳити зист

ДДК барои баланд бардоштани малакаҳои бакортаъминшавии донишҷӯён якчанд лоиҳаро амалӣ кардааст, аммо сол то сол талаботи бозори меҳнат ҷиддитар мегардад. Баланд бардоштани малакаҳои соҳибкорӣ тавассути машваратҳои соҳибкорони муваффақ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ширкатҳои муваффақ амалӣ карда мешавад. Барои иҷрои ин вазифа ДДК кадрҳои баландихтисос, инфрасохтор, таҷҳизоти техникӣ, таҷрибаи зарурӣ дорад. Ҷиҳати беҳтар амалӣ намудани вазифаҳои зикршуда ба мо дастгирии молиявӣ ва маблағгузорӣ барои рушди шабака оид ба хатмкунандагон ва корфармоён, ташкили сафарҳои омӯзишӣ ба ширкатҳо, ташкили Роҳбаладии суръатнок, таҳия ва паҳн намудани варақаҳои тақсимотӣ ва харидани адабиёти зарурӣ зарур аст.

6. Мӯҳлати иҷро ва масъулиятҳо

Афзалияти стратегия / сиёсат	Ҳадаф / мақсад	Фаъолият / ченак	Захираҳои зарурӣ	Мӯҳлати иҷро	Масъул	Нишондиҳандаҳои муваффақият
Дастгирии рушди малакаҳои соҳибкории донишҷӯён ва хатмкунандагон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат	1) Гузаронидани таҳқиқоти бозори меҳнат ва муайян кардани талабот ва тағйирот дар бозори меҳнат	1.1. Давра ба давра таҳлил намудани бозори меҳнат ва ташкили ихтисосҳо дар асоси талаботи он 1.2. Мутобиқгардонии нақшаҳои таълимӣ бо назардошти тағйироти бозори меҳнат ва эҳтиёҷоти корфармоён 1.3. Тағйир додани нақшаҳои таълимӣ ва ворид намудани фанҳои ба соҳибкорӣ наздик на танҳо барои ихтисосҳои иқтисодӣ, балки барои дигар ихтисосҳо низ	Бо фармони ректор таъин намудани гурӯҳи корӣ; таҷҳизоти техникӣ, рушди шабака	2023-2028	Раёсати ДДК, факултетҳои ДДК дар ҳамкорӣ бо ширкатҳо	Ташкили гурӯҳи корӣ, Натиҷаи таҳлили 100 ширкат, тағйир додани нақшаҳои таълимӣ аз рӯи ихтисосҳои зарурии ДДК
Ба кор таъмин намудани ҳамаи хатмкардагони ихтисосҳои гуногуни ДДК бо истифода аз малакаҳои соҳибкорӣ	2) Ташаккул додани тафаккури соҳибкорӣ дар омӯзгорон ва донишҷӯён	2.1. Даъват кардани соҳибкорони муваффақ барои нишон додани малакаҳои соҳибкорӣ ва ташкили ширкат 2.2. Ташкил намудани тренингҳо барои баланд бардоштани иқтидори омӯзгороне, ки аз фанни «Бизнес-план» таълим медиҳанд 2.3. Ташкили шабака барои густариши ҳамкории МТОК ва ширкатҳо барои беҳтар тайёр кардани мутахассисони оянда	Зиёд намудани шартномаҳои ҳамкорӣ бо ширкатҳо, соҳибкорон, рушди шабака	2023-2028	Раёсати ДДК, Намояндагони ташкилоту муассисаҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ	Зиёда аз 50 чорабиниҳо (сафарҳои омӯзишӣ, Роҳбаладии суръатнок, тренингҳо, семинарҳо) ташкил карда мешаванд, ки 1000 нафар донишҷӯён, омӯзгоронро фаро мегиранд. Дар чорабиниҳои МТОК зиёда аз 100 омӯзгорони ҷавони МТОК ширкат меварзанд. Шабакаи омодашуда барои хатмкунандагон ва корфармоён
Имзои шартномаҳо бо корфармоён	3) Мусоидат ба ҳамкорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ	3.1. Ҳамкорӣ бо ширкатҳои минтақавӣ, маҳаллӣ ва байналмилалӣ барои таҷрибаомӯзӣ ва менторӣ; 3.2. Ба роҳ мондани механизми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, сафарҳои омӯзишӣ ва дигар чорабиниҳои муфиди таълимӣ бо донишҷӯён;	Шахси масъул оид ба ҳамкории байни муассисаҳои олии таълимӣ ва ширкатҳо	2024-2028	Раёсати ДДК, Намояндагони ташкилоту муассисаҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, корфармоён	Миёни ДДК ва 15 корхонаи вобаста ба ихтисоси хатмкардагон шартнома ба имзо мерасад